# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Декабри 2016

**Дар моҳи декабри соли равон сатҳи таваррум 0,3%-ро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи қаблӣ ба андоза 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад. Таварруми солона бошад, тамоюли тағйирёбии мӯътадилии худро идома дода, аз рӯи ҷамъбасти соли 2016 ба 6,1% баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ (5,1%) 1,0 б.ф. зиёд мебошад.**

Новобаста аз таъсири манфии фишорҳои берунаи таваррумӣ, дар соли 2016 сатҳи мӯътадили нархҳо дар ҷумҳурӣ нигоҳ дошта шуд. Дар маҷмӯъ сатҳи таваррум дар доираи дурнамои муқарраршуда ва нишондиҳандаи мақсаднок, ки 7,0 фоизи солона пешбинӣ гардида буд, таъмин гардид.

**Дар маҷмӯъ, тағйирёбии бештари сатҳи нархҳо асосан дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ мушоҳида гардид, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои хусусияти мавсимӣ ва фишорҳои берунӣ дошта ба вуқӯъ пайваст.** Ҳамзамон, тибқи таҳлилҳо, дар сохтори тағйирёбии сатҳи таваррум омилҳои ғайримонетарӣ, аз қабили болоравии нархи тарифаҳои хизматрасонии маъмурӣ (қувваи барқ 16,3 фоиз) таъсир расониданд.

**Сатҳи таваррумии аслӣ[2], ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат нишон медиҳад, дар моҳи декабр мӯътадил буда, бо арзёбии солона ба 2,8% баробар гардид (0,2% м/м[1]).** Ба ин раванди болоравии мӯътадили нархҳои маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ, аз ҷумла масолеҳи таъмир, сохтмон ва моводи шустушӯй, инчунин хизматрасонии бозорӣ (тандурустӣ ва маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Дар моҳи мазкур гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таваррумии аслӣ истисно мегарданд, ба болоравии қисмати ғайриаслии таваррум мусоидат кард.** Аз ҷумла, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, аз қабили сабзавот (5,8% м/м ё 16,5% с/с), тухм (-6,9% м/м ё 12,0% с/с) ва меваҷот (3,0% м/м ё 16,7% с/с) тамоюли афзоишёбӣ доштанд. Дар навбати худ, нархҳои биринҷ (-2,0% м/м ё -9,2% с/с), шакар (-3,3% м/м ё 15,0% с/с) ва гӯшти гов (-1,1% м/м ё 3,2% с/с) дар моҳи декабр коҳиш ёфтанд.

Вобаста аз поёнравии нархҳои хизматрасонии нақлиётӣ (-3,3% м/м ё -1,4% с/с), дар сохтори таваррумии ғайриаслӣ нархи хизматрасониҳои маъмурӣ (-0,2% м/м ё 0,8% с/с) раванди коҳишёбӣ дошт.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми аслӣ ва ғайриаслӣ, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)






Дар баробари ин, нархи маводи сӯзишворӣ дар натиҷаи ба сатҳи мувозинатӣ баргаштани талаботу пешниҳод (гази моеъ -5,5% м/м ё 2,5% с/с) нисбатан арзон шуд.

Ҳамин тариқ, сатҳи таварруми солона аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи 3,8 б.ф., молҳои ғайрихӯрокворӣ 1,7 б.ф. ва тарифаҳои хизматрасонии маъмурӣ 0,6 б.ф. ҳосил гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо ва пешгирии фишорҳои таваррумӣ, сиёсати пулию қарзиро амалӣ намуда, тамоми имкониятҳои мавҷударо баҳри нигоҳ доштани меъёри таваррум дар давраи миёнамуҳлат дар доираи нишондиҳандаи пешбинишуда равона менамояд.**

**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)







[1] - м/м –моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
- с/с – сол дар сол (тағйирёбии солона)

[2] - Таварруми аслӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо аз ҷониби БМТ дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | Декабр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | | | | | | | | | | | | |
| | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **5,9** | **6,3** | **5,6** | **5,5** | **5,2** | **5,5** | **6,0** | **6,4** | **6,4** | **6,1** | **6,2** | **6,1** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,0** | **3,8** | **4,7** | **5,1** | **3,4** | **2,9** | **2,2** | **3,8** | **5,0** | **5,0** | **4,8** | **5,3** | **5,7** | **6,4** | **0,9** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,3 | 9,1 | 10,7 | 8,6 | 2,9 | 0,8 | 1,4 | 0,5 | -0,7 | -1,5 | -1,5 | -0,9 | -1,3 | -2,5 | -0,4 |
| Биринҷ | 3,1 | 11,6 | 9,9 | 9,4 | 7,4 | 4,1 | 0,4 | -0,9 | -4,7 | -5,2 | -4,6 | -5,4 | -8,0 | -9,2 | -2,0 |
| Орд | 10,4 | 7,8 | 10,4 | 7,1 | -1,1 | -3,4 | -1,5 | -2,6 | -3,0 | -4,2 | -4,3 | -3,0 | -2,8 | -3,0 | -0,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,1 | -10,2 | -10,2 | -5,8 | -4,9 | -5,2 | -5,0 | -4,9 | -4,5 | -2,5 | -2,4 | -2,1 | -0,8 | 3,7 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 6,2 | -14,3 | -14,5 | -8,8 | -8,0 | -8,4 | -8,4 | -8,4 | -7,9 | -5,2 | -5,2 | -5,0 | -3,4 | 3,2 | -1,1 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 4,9 | 2,3 | 0,3 | -0,8 | 3,9 | 5,0 | 4,9 | 4,3 | -0,8 | 18,3 | 20,8 | 12,0 | -6,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,6 | 7,3 | 1,8 | 1,1 | 1,0 | 2,7 | 4,0 | 3,5 | 4,2 | 4,9 | 4,2 | 5,5 | 1,8 | 0,4 | 1,6 |
| Шир | 0,4 | 16,1 | 0,1 | -3,9 | -4,8 | -1,8 | 1,7 | -0,7 | 0,8 | 2,0 | -0,1 | 3,4 | -6,3 | -7,2 | 2,0 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 3,8 | 12,7 | 17,5 | 18,7 | 17,8 | 17,6 | 15,6 | 15,7 | 15,4 | 13,9 | 11,9 | 11,3 | 10,3 | 11,3 | 2,4 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 8,1 | 8,6 | 14,4 | 14,3 | 10,7 | 9,5 | 13,0 | 22,3 | 31,0 | 29,1 | 20,7 | 16,7 | 3,0 |
| Сабзавот | 8,8 | -12,4 | -12,6 | -11,5 | -13,5 | -12,0 | -14,0 | -0,5 | 13,1 | 9,0 | 5,5 | 2,7 | 8,9 | 16,5 | 5,8 |
| Шакар | 1,9 | 19,3 | 34,3 | 30,7 | 28,8 | 24,6 | 27,0 | 27,9 | 21,9 | 21,9 | 21,8 | 22,7 | 19,9 | 15,0 | -3,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 15,5 | 16,0 | 19,4 | 20,3 | 23,5 | 24,0 | 22,0 | 20,2 | 20,2 | 20,1 | 19,2 | 19,9 | 1,1 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **14,9** | **16,9** | **16,9** | **11,7** | **11,7** | **11,7** | **13,9** | **13,9** | **20,4** | **19,4** | **16,5** | **19,9** | **2,9** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **15,4** | **17,7** | **18,8** | **19,1** | **23,0** | **19,5** | **17,1** | **16,1** | **15,4** | **16,0** | **14,9** | **11,8** | **0,5** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,5** | **7,9** | **8,5** | **8,8** | **9,5** | **9,7** | **10,3** | **9,4** | **8,1** | **8,2** | **8,1** | **7,5** | **6,6** | **5,7** | **0,0** |
| *Либос ва пойафзол* | 10,2 | 9,2 | 15,0 | 15,6 | 16,1 | 16,5 | 18,6 | 18,5 | 17,2 | 17,3 | 16,9 | 16,6 | 15,4 | 14,5 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,9 | 2,2 | 1,2 | 1,0 | 1,3 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | -0,1 | -1,6 | -1,8 | -0,8 | -1,1 | -0,9 | 0,3 |
| Маводи шустушуй | 1,5 | 15,5 | 11,2 | 11,1 | 10,4 | 9,2 | 8,7 | 8,7 | 7,8 | 6,5 | 6,5 | 6,0 | 4,3 | 1,2 | -1,5 |
| Доруворӣ | 2,6 | 24,7 | 24,5 | 28,4 | 32,6 | 32,6 | 32,0 | 24,8 | 15,3 | 16,0 | 16,0 | 15,6 | 18,1 | 14,1 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 9,0 | 7,5 | 6,9 | 10,8 | 11,6 | 2,3 | 2,4 | 7,9 | 10,5 | 8,6 | 3,3 | 2,9 | -1,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,5 | 19,0 | 20,3 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 6,1 | 3,7 | 3,0 | 1,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,2 | -2,0 | -2,0 | -1,6 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| *Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ* | 1,3 | 7,6 | 9,2 | 9,5 | 9,6 | 9,4 | 9,7 | 9,7 | 9,1 | 7,6 | 6,0 | 8,4 | 7,9 | 7,1 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,2** | **2,2** | **4,1** | **4,4** | **4,5** | **4,6** | **4,8** | **2,8** | **4,4** | **6,3** | **7,0** | **4,4** | **5,4** | **4,5** | **-1,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,9 | 3,2 | 4,9 | 4,0 | 1,6 | 2,7 | 2,5 | 1,2 | 2,5 | 5,2 | 5,8 | 5,4 | 11,1 | 9,8 | -1,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 14,3 | 14,3 | 14,3 | 12,3 | 12,3 | 9,7 | 9,7 | 9,7 | 5,9 | 5,7 | 2,2 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 0,0 | 0,0 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 5,1 | 5,1 | 5,1 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,5 | 0,0 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 28,6 | 28,6 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 6,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,2 | -6,3 | 5,4 | 5,2 | -6,5 | 0,9 | 0,3 | -8,6 | -5,5 | 4,9 | 9,4 | 6,9 | -2,2 | -6,6 | -4,5 |
| Нақлиёт | 4,3 | -2,3 | 2,4 | 4,2 | 7,6 | 7,6 | 7,5 | 3,5 | 6,9 | 10,2 | 10,0 | 2,3 | 0,2 | -1,4 | -3,3 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,2 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 12,1 | 11,8 | 11,3 | 11,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,7 | 14,0 | 12,3 | 14,4 | 12,2 | 7,0 | 7,0 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 3,7 | 3,4 | 1,9 | 1,9 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,5 | 12,3 | 11,9 | 10,1 | 9,9 | 8,8 | 11,6 | 11,1 | 11,1 | 10,7 | 8,2 | 7,5 | 4,9 | 5,2 | 0,9 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ*